# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қуватова Рафоат дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Муносибати ҷиддӣ ба соҳаи маориф ва дар сатҳи сиёсати давлатӣ ба миён гузоштану ҳал кардани проблемаҳои ҷойдошта дар ин самт аҳамияти бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маърифативу фарҳангӣ дорад. Маориф дар фаҳмиши васеъ ва имрӯза яке аз проблемаҳои ҳаётӣ ва глобалии асри XXI мебошад ва ҷомеаи муосирро водор месозад, ки ба он бо таваҷҷуҳи хоса ва масъулияти баланд муносибат карда шавад. Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Қуватова Рафоат дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе)” барҳақ, дар ин самт кӯшиши саривақтӣ ва ҷолиби диққати муҳаққиқ буда, он дар доираи талаботи навтарини барасмиятдарории таҳқиқоти илмӣ рӯйи кор омадааст. Зеро дар шароити кунунии рушди бемайлони иттилоот ва илму технология муносибати босалоҳият ба таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат дар шраоити муассисаҳои таълимӣ масъалаи муосир ва актуалӣ ба шумор меравад.

Унвонҷу Қуватова Р. барҳақ таъкид менамояд, ки ҳадафи муҳими низоми маориф тарбияи шахсияти фаъолу созанда ва бунёдкори ҷомеаи навини аз лиҳози техникиву технологӣ рушдёфта ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад омода намудани хонандагон ҳамчун мутахассисони оянда, ки бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ бошанд, яке аз масъалаҳои муҳимми соҳа маҳсуб меёбад. Дар ин самт ба дарёфт, таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ва рушд додани қобилиятҳои онҳо махсусан, дар самти омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода мешавад.

Таҳқиқу омӯзиш ва баррасии автореферата диссертатсия собит мекунад, ки муаллифи диссертатсия пажӯҳишу ковишҳои зиёди илмӣ анҷом дода, паҳлӯҳои гуногуни масъаларо равшан намуда оид ба татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёкат пешниҳодҳои мушаххаси амалӣ ва тавсияҳои методии ҷолиби диққат ироа намудааст.

Муаллиф рисолаи худро дар муқаддима, ду боб (ҳар боб дорои се фасл) ва хулоса инъикос намуда, аз адабиёти гуногуни илмӣ ва таълимӣ истифода бурдааст.

Муқаррарот ва хулосаҳои назариявӣ, ки дар рафти таҳқикоти диссертатсия ба даст оварда шудаанд, барои такмили низоми таълими фанҳои дақиқ дар шароити литсей дар раванди таҳсилоти асосию миёна ва иловагӣ ва татбиқи минбаъдаи он замина фароҳам меорад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла маводи психологию педагогӣ, ташхисӣ, технологӣ ва методие, ки барои таълими фанҳои дақиқ ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат заруранд, метавонанд аз

ҷониби омӯзгорони гимназияю литсейҳо ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, ки бо онҳо кор мекунанд, истифода бурда шаванд.

Инчунин, маводи бадастомада ва хулосаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми маърӯзаҳо, курсҳои махсус, семинарҳо барои омӯзгорони оянда ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон мавриди истифода қарор бигиранд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти Қувватова Рафоат бо асоснокӣ ва саҳеҳии усули методологӣ ва назариявӣ, истифодаи маҷмӯи усулҳои ба ҳам вобастаи таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқот комилан мутобиқанд, мувофиқати муқаррароту хулосаҳои назариявӣ, кофӣ будани сарчашмаҳои илмии истифодашуда, асоснокии назариявии низоми таҳияшудаи рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат зимни омӯзиши фанҳои дақиқ дар шароити литсей таъмин мегардад.

Автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро ифода мекунад. Дастгоҳи илмии он мутобиқ ба талаботи сохтори нави аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда мураттаб шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ арзишҳои назарраси илмиву амалиро соҳиб буда, муътамадӣ, асоснокӣ ва возеҳии он дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, ҳадаф, вазифа, фарзия ва аҳамияти назариявию амалии он андешаҳои фавқро собит месозад.

Мувофиқи натиҷаҳои дар автореферат баррасигардида кори диссертатсионии Қуватова Рафоат дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе)” таҳқиқоти илмии баанҷомрсида арзёбӣ шуда, ҳаҷм, дастгоҳи илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии он ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, директори
филиали Муассисаи давлатии
“Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили
ихтисос ва бозомӯзии кормандони
соҳаи маориф” дар шаҳри Душанбе Каримзода Ш.К.